***ТДУ 930,25***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-38-43***

***АЗ ТАЪРИХИ РОБИТАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАКОТИБИ ОЛИИ ШАҲРИ ХУҶАНД ДАР СОЛҲОИ 90-УМИ АСРИ XX***

***Азизов Назирҷон Эргашевич,*** *унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ИЗ ИСТОРИИ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ ВУЗОВ ГОРОДА ХУДЖАНДА В 90-Е ГГ. XX ВЕКА***

***Азизов Назирджон Эргашевич****, соискатель Таджикского государственного университета, права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

***FROM THE HISTORY OF INTERNATIONAL RELATIONS OF UNIVERSITIES OF KHUJAND REFERRING TO THE 90-IES OF THE 20TH CENTURY***

***Azizov Nazirdzhon Ergashevich,*** *Applicant of the Tajik State University, Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)*

***Калидвожаҳо****: Мактабҳои олӣ, Хуҷанд, профессорону омӯзгорон, робитаҳои байналмилалӣ, ҳамоишҳои илмӣ, конференсияҳо, такмили ихтисос.*

*Дар мақола ҳамкориҳои байналмилалии мактабҳои олии шаҳри Хуҷанд дар солҳои 90-уми асри XX мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи маводи муътамад густариши робитаҳои байналмилалии мактабҳои олиро дар заминаи фаъолияти бевоситаи профессорону омӯзгорон, сохторҳои донишгоҳу донишкадаҳо, аз ҷумла фаъолияти бахши робитаҳои байналмилалии онҳо таҳлил намудааст. Қайд карда мешавад,ки яке аз самтҳои муҳимми робитаҳои байналмилалии мактабҳои олии шаҳри Хуҷанд ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ҷодаи илм ба шумор меравад. Ҳайати профессорону омӯзгорон дар конференсияву ҳамоишҳои илмии байналхалқӣ бо маърузаҳо ширкат варзиданд, бархе аз олимон таҷрибаҳосилкунии илмиву таълимиро дар мамлакатҳои хориҷӣ гузаронидаанд, таваҷҷуҳи мактабҳои олӣ ба масъалаи ширкат дар Барномаҳои байналхалқӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва дарёфти грантҳо афзоиш ёфт, робитаҳои байналхалқӣ дар самти ба таҳсил фаро гирифтани донишҷӯёни хориҷӣ низ ба роҳ монда мешуд, баҳри бастани шартномаҳо бо муассисаҳои таълимиву илмии хориҷӣ тадбирҳо андешида шуданд ва ғ.*

***Ключевые слова:*** *высшие школы, Худжанд, профессорско-преподавательский состав, международные отношения, научные встречи, конференции, повышение квалификации.*

*В статье рассмотрено международное сотрудничество высших школ Худжанда в 90-е годы XX века. На основе достоверных материалов автор проанализировал развитие международных связей высшей школы, непосредственную деятельность профессоров и преподавателей, деятельность структур университетов и институтов, в том числе деятельность отделов международных отношений. Отмечается, что в высших школах Худжанда одним из важных направлений международных связей является налаживание сотрудничества в области науки. Профессора и преподаватели участвовали в международных научных конференциях и научных встречах с докладами, некоторые учёные проводили научные и образовательные эксперименты в зарубежных странах, возросло внимание вузов к вопросу участия в международных программах, разработке проектов и получении международных грантов, также были организованы связи по направлению включения в образование иностранных студентов, приняты меры по заключению договоров с зарубежными учебными и научными учреждениями и т.д.*

***Keywords:*** *Higher schools, Khujand, faculty, international relations, scientific meetings, conferences, advanced training.*

*The article dwells on the international cooperation of higher schools in Khujand referring to the 90-ies of the 20th century. Based on reliable materials, the author analyzed the development of international relations of higher education, the direct activities of professors and teachers, the activities of university and institute structures, including the activities of international relations departments. It is noted that in higher schools in Khujand, one of the important areas of international relations is the establishment of cooperation in the field of science. Professors and teachers participated in international scientific conferences and scientific meetings with reports, some scientists conducted scientific and educational experiments in foreign countries, the attention of universities to the issue of participation in international programs, project development and obtaining grants increased, international relations were also organized in the direction of*

*including foreign students in education, measures were taken to conclude agreements with foreign educational and scientific institutions, etc.*

9-уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолии худро ба даст овард, ки ин падида бузургтарин ва дурахшонтарин саҳифаи таърихи тоҷикон маҳсуб меёбад.

Соҳибистиқлолии кишвар ҳамчун сарчашмаи асосии рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ-маърифатии Тоҷикистон дар роҳи мустаҳкам намудани пойдевори зиндагии фаровон, ободиву осоиштагӣ, таъмини озодиву амнияти ҳар як аъзои ҷамъият нақши муҳим бозид. Дар натиҷаи соҳибистиқлолии кишвар дар ҳамаи ҷабҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд. Барои густариши ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, рушди маориф ва илм шароитҳои мусоид фароҳам омаданд. Тоҷикистонро бо зудӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол эътироф намуд. Ҷумҳуриамон узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ гардид.

Расидан ба истиқлоли давлатӣ воқеан ҳам ба талошҳои маънавии тоҷикон мазмуни тозаи созанда бахшид. Соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон ва гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ тақозо намуд, ки дар ҳамаи соҳаи хоҷагии халқ, алалхусус дар соҳаи маориф, аз ҷумла дар системаи мактабҳои олӣ тағйиротҳои куллӣ ба миён оянд. Зеро дар натиҷаи воқеаҳои номатлуби ибтидои солҳои 90-уми асри XX, муноқишаи шаҳрвандиву бесарусомонии муваққатӣ қисми зиёди мутахассисони соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ кишварро тарк намуданд, ё дар натиҷаи қатъ гардидани фаъолияти корхонаву муассисаҳо ба дигар кор гузаштанд, сафи бекоронро пурра намуданд, ё баҳри дарёфти «қути лоямут» ба Русия ва дигар кишварҳои хориҷӣ муҳоҷирати меҳнатӣ намуданд.

Новобаста аз ҷараён доштани ҷанги шаҳрвандӣ, бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ, касоди маънавӣ чароғи илму маърифат дар кишвар хомӯш нагардид. Ашхоси маърифатпарвари кишвар таҳти сарварии Раиси Ҳукумати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба дигаргунсозиҳои амиқ дар соҳаи маориф, тайёр кардани мутахассисони дараҷаи олӣ, қонеъ кардани талаботи нави ҷамъият дар ин самт, барқарор кардани ҳамкориҳо ба муассисаҳои таълимии хориҷӣ шуруъ намуданд.

Ҳукумати Тоҷикистон ба созмон додану ифтитоҳи мактабҳои нави олӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Чи тавре, ки профессор А. Шарипов таъкид мекунад: «Солҳои истиқлолият аз ҳисоби кадрҳои миллӣ афзудани шумораи ихтисосманди соҳаҳои илми-омӯзгорӣ, тадриҷан зиёд гардидани теъдоди гурӯҳҳои довталабон (абутурентҳо) беҳтар шудан ва ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия, хеле васеъ гардидани таълими ғоибона, маънидод ва тавсиф меёбанд… Солҳои соҳибхтиёрии давлати тоҷиконро метавон оғози марҳилаи нави босуръат инкишофёбии муассисоти таълимоти олӣ маънидод намуд. Дар ин солҳо дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти ихтисосҳои барои Тоҷикистон зарурию нисбатан нав мактабҳои олӣ ва шуъбаву ихтисоҳои нав созмон дода шуданд. Дар бисёр мактабҳои олии ҷумҳурӣ, шуъбаҳои аспирантура ифтитоҳ ёфтанд. Дар сарзамине, ки то истиқлолияти кишвар 10 адад мактаби олӣ вуҷуд дошт, дар давраи соҳибхтиёрии Тоҷикистон 30 муассисоти таълимоти олӣ машғули кору фаъолият мебошанд» [8,с.77-78].

Дар ин солҳо Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат - 1991, Донишгоҳи давлатии Хоруғ - 1992, Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон -1991, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон - 1991, Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ - 1996, Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия - 1997 ва ғ. таъсис ёфтанд.

Густариши робитаҳои байналмилалии мактабҳои олӣ аз як тараф, ба фаъолияти бевоситаи профессорону омӯзгорон вобастагӣ дошта бошад, аз тарафи дигар, ба фаъолияти сохторҳои донишгоху донишкадаҳо, аз ҷумла ба фаъолияти бахши робитаҳои байналмилалӣ вобастагии қавӣ дорад.

Яке аз куҳансолтарин муассисаи олии таълимӣ дар Хуҷанд Донишкадаи олии педагогии ба номи С.М. Киров (алҳол Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров) маҳсуб меёбад, ки он соли 1932 таъсис ёфтааст. Соли аввали фаъолияташ донишкада аз ду шуъба: химия-биология ва физика-математика иборат буд, ки дар онҳо ҳамагӣ 26 нафар донишҷӯ таҳсил мекард ва 9 нафар омӯзгор фаъолият мебурданд [2,с.31]. Минбад донишкада ба яке аз мактабҳои олии бонуфузи кишар табдил ёфт ва дар тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ нақши муҳим мебозад.

Донишкадаи мазкур дар арафаи соҳибистиқлолии кишварамон 13 июни соли 1991 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров мубаддал мегардад [1,с.314].

Дар Донишгоҳи давлати Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров шуъбаи робитаҳои байналхалқӣ соли 1996 ташкил ёфтааст. Сарварии онро саравзал дотсент Ҳ. Самадов, сипас дотсентон С. Ҷалолов ва Р. Раҳматова (ба ҳайси ноибректорони бахши робитаҳои байналмилалӣ) бар уҳда доштанд.

Яке аз самтҳои муҳимми робитаҳои байналмилалии мактабҳои олӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ҷодаи илм ба шумор меравад. Ҳайати профессорону омӯзгорони донишгоҳу донишкадаҳо бевосита ва ё дар доираи лоиҳаҳои созмонҳои байналхалқӣ корҳои илмӣ-тадқиқотиро амалӣ менамоянд. Устодон ҳамасола дар конференсияву ҳамоишҳои илмии байналхалқӣ бо маърузаҳо иштирок мекунанд.

Солҳои 90-уми асри XX олимони ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров С. Абдуллоев, А. Сайфуллоев, Ш.А. Ахмедов, А.З. Дун, Е.Муҳсинова, М. Муҳсинова, Н.О.Турсунов, Т.К. Хабилов, М.Ю.Хоҷаева, А. Насриддинов ва дигарон китобҳо ва мақолаҳои худро дар мамлакатҳои хориҷӣ нашр намуданд. Корҳои илмии номзади илмҳои физика-математика А. Абдувалиев дар нашриёҳои Коппенгаген, Будапешт, Лиссабон, Париж, Бухарест ба табъ расиданд. Олими донишгоҳ Ҳ.Муртазоев дар соҳаи физикаи ядроӣ ва атомӣ беш аз 20 мақолаи илмиашро дар ИМА, Англия, Олмон, Ҳолланд, Фаронса, Гвинея, Хитой ва Шветсия нашр намудааст[1,с.458].

Якчанд нафар олимони донишгоҳ таҷрибаҳосилкунии илмиву таълимиро дар мамлакатҳои хориҷӣ гузаронидаанд. Чунончи, дар Англия - К.У. Усмонов, дар Олмон - У.К. Каримов, дар ИМА - М.Н. Азимова, А. Бойматов, Р.А.Турдибоева, С. Ҷалолов, Т. Сатторов, Т.К. Хабилов таҷрибаи илмӣ ҳосил намуда, бо олимони ин кишварҳо робитаи судманд барқарор намуданд [1,с.458-459].

Олимони донишгоҳ, профессорон С.Абдуллоев, А. Сайфуллоев, А. Насриддинов, М. Хоҷаева соли 1996 дар форуми бузурги байналхалқӣ дар Эрон бахшида ба ҷашнвораи Шайх Камол Хуҷандӣ ширкат варзиданд. Дар Симпозиуми байналхалқии Аврупо профессор Т. Хабилов маъруза намуд. Олими соҳаи физика Ҳ. М. Муртазоев дар конференсияи XVIII байналхалқӣ оид ба муаммоҳои физикаи ядроӣ, ки дар Қоҳира баргузор гашт, маъруза намуд. Профессор Н.О. Турсунов дар конференсияи байналхалқии Тошканд таҳти унвони «Амир Темур ва ҷойгоҳи ӯ тар таърихи умумиҷаҳонӣ» ширкат варзид.

Гурӯҳи калони олимони донишгоҳ дар бузургтарин ҳамоишҳои байналхалқӣ, чун «Таҷаддуди таъминоти сифати таҳсилоти олӣ» (Алма-ато – профессорон В. Набиев, У Ғаффорова); «Масъалаҳои актуалии фанҳои ҷамъиятӣ» (Боку – профессор Т. Хабилов); «Анҷумани устодони забони форси Ҳиндустон» (Деҳлӣ- академик Н. Салимов, профессорон З. Ғаффорова, М. Хоҷаева, У. Ғаффоров); «Анҷумани байналхалқии устодони забон ва адаби форсӣ» (Теҳрон – профессорон Н. Зоҳидов, А. Насриддинов, М. Хоҷаева, Т. Ваҳҳобов, дотсентон Н. Ғиёсов, Ш. Тоҷибоев, Н. Нуров, С. Саидов, Т. Келдиёров, Ф. Насриддинов, Ҳ. Зоиров); «Анҷумани бонувони қуръонпажӯҳ» (Теҳрон – У Ғаффорова) ширкат доштанд [1,с.459]. Профессор А. Насриддинов дар симпозиум ва конференсияҳои байналхалқии Теҳрон (1994), Табрез (1996) ва Машҳад (1999) бо маърузаву гузоришоти илмӣ дар риштаи адабиётшиносӣ ширкат варзид[9,с.199].

Дар худи Донишгоҳ низ ба масъалаи баргузор намудани ҳамоишҳои илмии байналхалқӣ эътибори муҳим дода шуд. Масалан, дар солҳои 1995-1996 дар Донишгоҳ конференсияҳои байналхалқии «Педагогикаи халқҳои Осиёи Марказӣ ва масъалаҳои тарбия дар замони ҳозира», «Алишер Навоӣ ва адабиёти форсу тоҷик», «Экология, тандурустӣ ва беморӣ» баргузор гардида, дар онҳо муҳаққиқони номвари кишварҳои Русия, Олмон, Ҳоланд, Эрон, Ҳинд, Ӯзбекистон ширкат варзиданд.

Моҳи декабри соли 1995 дар Донишгоҳ конференсияи бонуфузи байналмилалӣ дар мавзуи "Фарҳанг: гузашта, ҳозира ва оянда" бахшида ба 50- солагии ЮНЕСКО баргузор гардид. Дар ташкилу гузаронидани конференсия ёрӣ ва дастгирии Президенти ассотсиатсия оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказии ЮНЕСКО, академик Муҳаммад Осимӣ, академик М.Диноршоев, академик Н.Неъматов саҳми хеле назаррас доштанд [9,с.459]. Соли 1998 бо ташаббуси кафедраи зоология ва физиологияи одаму ҳайвонот нахустин конфронси байналхалқии экологҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавзуи «Гуногуншаклии ҳаёт» баргузор гардид[9,с.114].

Таваҷҷуҳи мактабҳои олӣ ба масъалаи ширкат дар Барномаҳои байналхалқӣ, таҳияи лоиҳаҳо ва дарёфти грантҳо афзоиш ёфта, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода шуданд.

Дар шароити соибистиқлолии кишварамон дар фаъолияти мактабҳои олии шаҳри Хуҷанд барқарор намудани ҳамкориҳои байналхалқӣ нақши муҳим мебозад. Чунончи, ДДХ ба номи

академик Б. Ғафуров аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба масъалаҳои ба роҳ мондан ва густариши шаклҳои гуногуни робитаҳо бо марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мактабҳои олии кишварҳои мухталифи ҷаҳон, сафоратхонаҳо ва муассисаҳои байналхалқӣ аҳамияти ҷиддӣ дод. Масалан, донишгоҳ бо Донишгоҳи штат Небраскаи ИМА, ибтидои солҳои 90-уми асри ХХ бо Донишгоҳи забонҳои ҷаҳони шаҳри Тошканд, бо Хадамоти ивази академии омӯзгорони забони олмонии Ҷумҳурии федеративии Олмон (ДААД) ва дигар ташкилотҳо шартнома баста буд [1,с.459].

Яке аз аввалинҳо шуда Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров соли 1996 аз рӯи барномаи ТАСИС-и Иттиҳоди Аврупо робита барпо намуд. Барномаи ТАСИС грантҳо (барои кишвари қабулкунанда ройгон) пешниҳод намуда, барои дарёфти ноу-хауи технологӣ, захираҳои иттилоотӣ ва омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳои миллӣ кумак мерасонад. Ректори донишгоҳ, профессор С. Абдуллоев ба Англия ва Ирландия сафар намуда, дар асоси ин барнома робитаро дар соҳаи маориф барқарор намуд. Ҳамон сол Донишгоҳ робитаро бо яке аз ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ЮНЕСКО ба роҳ монд. Бо сарварии академик Н. Неъматов дар назди Донишгоҳ кафедраи илмӣ-таҳқиқотии гуманитарии ЮНЕСКО (15августи соли 1996) таъсис дода шуд (кафедраи мазкур минбаъд ба Маркази тадқиқоти гуманитарии ЮНЕСКО табдил дода шуд) [9,с.550-558].

Соли 1997 ДДХ ба номи Б.Ғафуров яке аз шарикони барномаи байналхалқии Оғохон "Инсоншиносӣ" барои Осиёи Марказӣ гардид. Аз ҳайати омӯзгорони Донишгоҳ номзади илми фалсафа, мудири онвақтаи кафедраи фалсафаи маданият Абдураҳим Ҷӯраев ба сифати яке аз муаллифони Барнома ва ҳамзамон чун намояндаи Донишгоҳ дар ин Барномаи бонуфуз интихоб шуд. Дертар мувофиқи нақшаи ҳамкории Барномаи Оғохон "Инсоншиносӣ" барои Осиёи Марказӣ ва ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар Донишгоҳ яке аз марказҳои ин Барнома ташкил карда шуд ва А. Ҷӯраев роҳбари ҳамин марказ таъин карда шуд [9,с.459].

Донишгоҳ дар соҳаи илм бо созмонҳои илмӣ ва донишгоҳҳои ИМА, Олмон, Миср, Покистон, Эрон, бо созмонҳои маъруфи байналмилалӣ (Бунёди Сорос, Бунёди Оғохон, Фонди Авруосиё), бо барномаҳои озмуни “Фулбрайт” (ИМА ва Аврупо) робитаҳои мустаҳкам барқарор кардааст [6].

Дар Хуҷанд таъсис ёфтани Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон низ падидаи дурахшони даврони соҳибистиқлолии кишвар маҳсуб меёбад. Донишгоҳ тибқи қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон № 364 аз 5 августи соли 1993 ва дар асоси қарори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои халқи вилояти Ленинобод (ҳозира Суғд) № 98 аз 31 марти соли 1994 таъсис ёфта, ҳамчун маскани тайёр кардани кадрҳо дар самтҳои ҳуқуқшиносӣ, идоракунӣ, сиёсати беруна ва иқтисодӣ берунаи давлатамон, соҳибкорӣ, молия, системаи ахборӣ эътироф гардид.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ раёсати ДДҲБСТ таҳти сарварии нахустректор, профессор Арслонбек Ғозибеков ба густариши робитаҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар навбати аввал баҳри бастани шартномаҳо бо муассисаҳои таълимиву илмии хориҷӣ тадбирҳо андешид.

Аввалин шартномаи ҳамкории ДДҲБСТ санаи 5-уми феврали соли 1996 бо Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ба имзо расид. Аз ҷониби Донишгоҳи давлатии Москва ба шартнома ректори он –профессор А.Д. Садовничий ва аз ҷониби ДДҲБСТ – ректор А.Ғозибеков имзо гузоштанд. Шартнома аз 9 модда иборат буда, ҳамкориҳо дар самтҳои фаъолияти таълимӣ, илмиву тадқиқотӣ, ташкилӣ, амалӣ намудани тадбирҳои барои тарафайн судманд пешбинӣ гаштанд. Мутобиқи шартнома табодули донишҷӯёну аспирантон ва омӯзгорон низ дар назар дошта шуда буд. Инчунин Донишгоҳи давлатии Москва бо китобҳои таълимӣ таъмин намудани ДДҲБСТ-ро ба зиммаи худ гирифт. Минбаъд ин Шартнома самараҳои нек ба бор овард.

Дар Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон низ аз солҳои аввалии таъсисёбиаш ба барқарор намудани робитаҳои илмии байналмилалӣ эътибор дода шуд. Чунончи, моҳи декабри соли 1994 бо ташаббуси мудири кафедраи фанҳои чамъиятии ДДҲБСТ профессор А.Ҷ. Бобоев вохӯрии донишҷӯён бо олимони хориҷӣ: Хонум Илҳом, Гулчеҳра хонум, Бинухонум (аз Яман), А.Муҷаррибӣ (аз Англия), доктор Грэгари Глистэн ва Д. Геришин аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташкил карда шуда, дар он оид ба муаммоҳои инкишофи динҳои ҷаҳонӣ ва илми диншиносӣ суҳбатҳо ороста шуданд.

Дар соли хониши 1996-1997 ноиби ректор оид ба таълими донишгоҳ Исмоилова М.М. ба шаҳрҳои ИМА – Вашингтон, Атланта, Джексон сафар намуда, дар мавзуи «Ислоҳотҳои ҳуқуқӣ

дар давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ» такмили якмоҳаи ихтисос намуд. Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо Абдусамадов Ғ.С. аз 27 май то 7 июни соли 1997 дар Конференсияи байналмилалии шаҳри Москва (ДДМ ба номи М.В. Ломоносов) иштирок ва маъруза намуд. Ҳамчунин, ректори донишгоҳ А. Ғозибеков ва ноиби ректор оид ба масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ Исматдинов М.Э. ба шаҳри Москва сафар намуда, аз Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ба миқдори зиёд китобҳои дарсӣ оварданд [4,с.124].

Сармуаллими кафедраи математикаи олӣ А.К.Юсуфов ба Шоҳигарии муттаҳитаи Британиёи Кабир ва Ирландия аз 7 март то 25 марти соли 1997 сафари хизматӣ анҷом дода, тули ду ҳафта дар Конференсияи байналхалқии таълимии мамлакатҳои Аврупо иштирок намуд.

Ҳамон солҳо яке аз роҳҳои баланд бардоштани такмили ихтисоси омӯзгорон ташкил намудани ҳамоишҳои илмиву методии сатҳи байналхалқӣ маҳсуб меёфт. Устодони Донишгоҳ Ғ.С. Абдусамадов, А.Б. Мирсаидов, А.К. Юсуфов, Ш. Зокирова, М. Давидкина дар курси дуҳафтаинаи Маркази тоҷикистонии соҳибкорӣ ва менеҷмент аз рӯи барномаи «ТАСИС – Иттифоқи аврупоии рушди бизнес» ширкат варзиданд. Робитаҳои байналхалқӣ дар самти ба таҳсил фаро гирифтани донишҷӯёни хориҷӣ низ ба роҳ монда мешуд. Аксарияти донишҷӯёни хориҷиро шаҳрвандони мамлакатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ (Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон) ташкил медоданд. Соли хониши 1999-2000-ум факултети ҳуқук ва муносибатҳои байналхалқиро ду нафар шаҳрвандони Урдун низ бомуваффақият хатм намуданд.

Профессори ДДҲБСТ Бердиева Т.Э. дар вазифаи раиси маркази фарҳанги байналхалқии «Кохи маърифат»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳамчун узви президиуми ҷамъияти «Пайванд», ҳайати таҳририи маҷаллаи «Хуҷанд», барандаи барномаи «Фарҳанги Аҷам»-и телевизиони вилояти Суғд дар тарбияи маънавии мардум ҳиссагузорӣ намуд [5,с.54].

Соли 1997 дар Донишгоҳ ду дастаи ҳозирҷавобон (КВН) «Законники» ва «Дон Жуан» созмон дода шуд. Солҳои минбаъда дастаи «Законники» дар мусобиқаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавиву байналхалқӣ фаъолона ширкат варзид, солҳои 1999, 2000-ум ғолиби озмуни минтақавӣ дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон гардид.

Филиали хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ибтидои солҳои соҳибистиқлолии кишварамон бо Қарори Шурои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 1993, № 80 таъсис ёфта буд. Соли аввали таҳсил дар Донишгоҳ ҳамагӣ 50 донишҷӯ ва 7 нафар омӯзгор фаъолият мебурданд. Нахустин сарвари (директори) филиал дотсент М.Ғ. Ғаниев (солҳои 1993-1995) буд. Сипас, сарварии филиалро А.Т.Мақсудов (солҳои 1995-2015) бар уҳда дошт.

Филиали хуҷандии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз соли 1992 аъзои Ассотсиатсияи байналхалқии мубодилаи донишҷӯён оид ба таҷрибаомӯзии техникӣ (IAESTE), аз соли 1997 аъзои Комиҷроияи Федератсияи Институтҳои муҳандисии Давлатҳои исломӣ (FE) аз соли 1998 узви Ассотсиатсияи байналхалқии донишгоҳҳои ҷаҳон (IAU) ва ғайра гашта буд [3, с.11].

Филиал аз рӯи чор равия: ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои мамлакатҳои хориҷӣ; табодули донишҷӯён бо корхонаҳои пешқадами дунё; ҳамкорӣ бо фондҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ робитаҳои амалиро ба роҳ монд. Дар доираи ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи байналхалқии мубодилаи донишҷӯён оид ба таҷрибаомӯзии техникӣ (IAESTE) донишҷӯи филиал Рустам Назирбобоев дар мамлакати Шветсия дар корхонаи “VOLVO Track” ба муҳлати 6 моҳ таҷрибаомӯзӣ фиристода шуд. Донишҷӯён Диловар Ҳакимов дар Шветсия, Ҷамшед Ҳасанов ва Гавҳар Неъматуллоева дар Олмон, Наим Тоҳиров дар Норвегия ба муҳлати аз 7 моҳ то 1 сол аз таҷрибаомӯзӣ гузаштанд [3,с.29-30].

Устодони филиал низ баҳри гузаштан аз такмили ихтисос ба мамлакатҳои хориҷӣ сафарҳо анҷом доданд. Масалан, А.Т. Мақсудов дар муддати 1 моҳ дар донишгоҳи Небраскаи шаҳри Омахаи ИМА, Ҳ.Қ. Каримбоева ва Ҷ.М. Осимов дар донишгоҳи Небраскаи шаҳри Линколни ИМА аз такмили ихтисос гузаштанд.

Ҳамон солҳо ба худи филиал барои таълими баъзе фанҳо олимони мамлакатҳои хориҷа таклиф карда шуданд. Аз ҷумла Ҷулия Албрехт ва Мерлин Шнепф аз рӯи фанҳои “Бехатарии хӯрока” ва “Микробиология”, “Кимиёи соҳаи хӯрокворӣ”, Венди Вейс аз фанҳои саноати сабук, Ҷон Фидҷералд аз фанҳои хоҷагии қишлоқ, Рон ва Синди Бекманҳо аз фанни иқтисодиёт, Линиел Девис ва Мишел Фидҷералд аз фанни забони англисӣ дарс гуфтанд [3,с.31].

Мудири кафедраи забонҳои хориҷии филиал Қосимҷон Фузайлов соли 1996 ба муҳлати 2 моҳ ба шаҳри Карочии Покистон баҳри такмили ихтисос сафар намуд ва иштирокчии коференсияи байналхалқӣ гардид [7,с.404].

Ҳамин тавр, аз рӯзҳои аввали таъсисёбӣ мактабҳои олии шаҳри Хуҷанд, новобаста аз бӯҳрони сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, тавонистанд дар самти мустаҳкамии базаи моддиву техникӣ, тибқи талабот ва меъёрҳои амалкунанда ба роҳ мондани корҳои таълимӣ, таълимиву ташкилӣ, илмиву тадқиқотӣ ва тарбиявӣ, инчунин барқарор намудани робитаҳои байналмилалӣ қадамҳои устувор гузоранд. Дар натиҷаи омӯзиши вазъи корҳои байналмилалии мактабҳои олӣ ва муайян гардидани самтҳои он зарурати таъсиси сохтори нав дар донишгоҳу донишкадаҳо – шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ба миён омад. Инчунин, раёсати мактабҳои олӣ тасмим гирифтанд, ки бо мақсади самаранок намудани фаъолияти муносибатҳои байналмилалӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ, бо дарназардошти афзудани аҳамияти робитаҳои байналмилалии муассисаҳои таълимиву илмӣ ва эҳтиёҷот ба кормандони нав, ба таъмин намудани сохторҳо бо кадрҳои баландихтисоси донандагони забони хориҷӣ ва технологияи пешқадами таълим таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Ташкили курсҳои дарозмуддати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар байни омӯзгорон тоқазои замон гардида, дар самти ташкили ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои хориҷӣ, табодули омӯзгорон ва донишҷӯён аҳамияти муҳимро касб намуд. Фаъолияти сохторҳои маъмуриву идории мактабҳои олии Хуҷанд дар рушди робитаҳои хориҷӣ бахри ба ҳам мутобиқ намудани фаъолияти байналхалқии ҳамаи сохторҳои донишгоҳу донишкада, муассисаҳои илмӣ ва ҷомеаҳои эҷодӣ, таъмини назорати шиносномавиву раводидии шаҳрвандони хориҷӣ, хизматрасонии машваратӣ равона карда шудааст. Самтҳои асосии фаъолияти муносибатҳои байналмилалии мактабҳои олӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмиву техникӣ, таълимӣ, фарҳангиву эҷодӣ бо муассисаҳои таълимиву илмии хориҷӣ, ба таҳсил фаро гирифтани донишҷӯёни мамлакатҳои хориҷӣ, ташкили таҷрибаҳосилкунии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон ва донишҷӯён дар хориҷи кишвар, дастгирии созмонҳои илмии байналхалқӣ, ширкат дар лоиҳаҳои омӯзишиву илмии байналхалқӣ, ташкил, баргузорӣ ва иштирок дар ҳамоишҳои байналхалқӣ, табъу нашри илмӣ дар нашрияҳои хориҷӣ ва ғ. ба шумор рафтанд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Абдуллоев, С.А. Худжандский государтвенный университет: история, документы и его люди/ С.А. Абдуллоев, Х.Х.Холджураев.–Худжанд, 1997.-466 с.
2. Бобокалонов,А.Ҳафтод нахли пурсамар/А.Бобокалонов, Ҳ.Холҷӯраев. –Хуҷанд, 2002. –533 с.
3. Донишгоҳ – файзи истиқлол/ФХДТТ; тартибдиҳандагон Раҳмонов З.А., Изатуллоев Р.И. – Хуҷанд, 2002. -98 с.
4. Маъвои саодати маънавӣ. – Хуҷанд, 2008. –254 с.
5. Пӯлодов, Ҳ. Падидаи умедбахши истиқлолият/Ҳ.Пӯлодов, Ҷ.Исмоматдинов.–Хуҷанд, 2003. – 132 с.
6. Ректоры ХГУ//https://www.hgu.tj/ru/page/former-rector.html (санаи муроҷиат: 07.03.2023)
7. Турсунов, Н.М.Таърихи Унҷӣ ва ҷамоати он/Н.М.Турсунов, Ҷ.Исомитдинов.–Хуҷанд: Ношир, 2014. –528 с.
8. Шарипов, А. Муассисаҳои олии таълимӣ дар Тоҷикистон/А.Шарпов.–Душанбе: «Деваштич», 2002. -132 с.
9. 80 зинаи камолот. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2012. -660 с.


## REFERENCES:


1. Abdulloev, S.A. Khujand state university: history, documents and its people/ S.A. Abdulloev, Kh.Kholdjuraev. - Khujand, 1997. - 466 p.
2. Bobokalonov, A. Seventy fruitful palms/A.Bobokalonov,H.Kholzhuraev. - Khujand, 2002. - 533 p.
3. University – Independence blessing /FKhSUT; editors: Rahmonov Z.A., Izatulloev R.I. - Khujand, 2002. -98 p.
4. Meaning of spiritual happiness. - Khujand, 2008. -254 p.
5. Polodov, H. The promising phenomenon of independence / H. Polodov, J. Ismomatdinov. - Khujand, 2003. - 132 p.
6. HGU Rector//https://www.hgu.tj/ru/page/former-rector.html (date of appeal: 07.03.2023)
7. Tursunov, N.M. The history of Unji and its community/N.M. Tursunov, J. Isomitdinov. - Khujand: Publisher, 2014. - 528 p.
8. Sharipov, A. Higher educational institutions in Tajikistan / A.Sharpov.-Dushanbe: Devashtych, 2002. - 132 p.
9. 80 levels of maturity. - Khujand: Light of Enlightenment, 2012. - 660 p.